# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ)**

Таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024) барои ҷомеаи муосири тоҷик ҳамаҷиҳата муфид ва пандомӯз аст. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ислоҳоти соҳаи милитсия гузаронида шуд, ки ба рушду такомули муассисаҳои таълимии ВКД заминаи мусоид фароҳам овард. Раванди зикргардида дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла Академияи ВКД, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД, Маркази таълимии ВКД, Маркази илмӣ-тадқиқотии ВКД ва дигар марказҳои таълимии воҳидҳои сохтории ВКД амалӣ гардида, низоми таълиму тарбия, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-тадкикотӣ, омода кардани мутахассисони касбии баландихтисоси МКД, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллаливу минтақавӣ ба сатҳу сифати нав баромад.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Таҳқиқу баррасии мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» давоми солҳои охир ба яке аз тамоюлҳои муҳимми илми таърихшиносии замони мо мубаддал гардидааст. Аммо то ҳол ин масъала ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Танҳо доир ба паҳлуҳои алоҳидаи таърихи таъсис ва ташаккули милитсияи тоҷик китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои зиёди илмӣ, публитсистӣ ва рисолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд,

ки паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти ВКД Тоҷикистонро фаро мегиранд. Қисми зиёди ин таҳқиқот мазмуни ҳуқуқӣ ва педагогӣ дошта, ба ҷанбаҳои таҳлилию таърихии масъалаи мазкур кам дахл намуданд.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар шумори чунин рисолаҳо қарор мегирад, ки пурра ва чуқур таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024) омухтааст. Муаллиф дар омузиш ва таҳқиқи мавзуъ кӯшиш намудааст, ки маҳз ба масъалаи рушду такоммули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи солҳои 1991-2024 таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд, зеро баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ на танҳо муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд, балки рушду нумуъ намуда, дар омодасозии кадрҳои миллии мақомоти корҳои дохилӣ дар таҳкими сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, амнияту таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо шаклҳои гуногуни ҷинояткорӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон таҳқиқи тозае дар илми таърихшиносии тоҷик ба шумор рафта, бори аввал бо чунин вусъат ва густардагии таҳқиқ ба анҷом расидааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, аз 183 саҳифа таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия “Заминаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон” унвон дошта, маҷмуи матолиби шомили он дар ду фасл мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли аввал кӯшиш шудааст, то заминаҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра инъикоси худро ёбанд. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи ин ҷанбаи масъала дар он ифода мешавад, ки онҳоро даврабандӣ намудааст, афзалияти фаъолияти муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба замони шуравӣ нишон додааст.

Дар фасли дуюм “Хусусиятҳои хосси фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби муаллиф ба таври равшан инъикоси худро ёфтааст. Дар навиштани ин фасл муаллиф хеле заҳмат кашидааст.

Боби дуюм “Инкишофи раванди омода намудани мутахассисони касбӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ” унвон дошта, иборат аз ду фасл аст.

Дар фасли аввал талоши муаллиф барои муайян намудани “Омилҳо ва раванди ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ” дар муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле самарабахш мебошад. Муаллиф раванди омода намудани мутахассисон ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар замони соҳибистиқлолӣ самараи заҳматҳо ва фармону дастурҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва фармону дастурамалҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад, ки омили муҳимми рушди раванди таълим дар ин соҳа гардид. Инчунин, дисертант дар он назар аст, ки таъсиси Академияи ВКД дар заминаи Мактаби Олии милитсия дар омода намудани кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар саҳми арзанда гузошт. Ҳамзамон, таъсиси Коллеҷи милитсия дар шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи муҳандисӣ-оташнишонӣ дар ноҳияи Данғара дар омода намудани мутахассисони касбии соҳа нақши муассир доранд.

Фасли дувум “Ташкили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва такмили неруи зеҳнӣ” ном дошта, муаллиф раванди омода кардани мутахассисони ботаҷриба ва истифодаи техналогияи замони муосир дар муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мукаммал нишон додааст.

Боби сеюм “Рушди фарҳанги касбии кормандон ва ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ” ном дошта, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли аввал кӯшиш шудааст, то "Ташаккули фарҳанги касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ" нишон дода шавад. Муаллиф дар ин фасли кори худ ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар умум, кормандони милитсияро нишон дода, саҳми онҳоро дар баргузории бисёр чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ ва дигар озмуну чорабиниҳо инъикос намудааст. Инчунин, дар ҳифзу таъмири ёдгориҳои таърихӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ саҳми намояндагони ВКД арзанда мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар ин давра маҳорати педагогӣ ва касбии ходимони мақомоти корҳои дохилӣ рушд карда, аз ҷониби омӯзгорон ва кормандони ВКД бисёр китобҳои таълимиву илмӣ таълиф гардида, як қатор лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода шуданад.

Дар фасли дувум "Равобити байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ" ном дошта, муаллиф нақши муассисаҳои таълимии ВКД-и хориҷи кишвар, хусусан Россия, ҶМЧ, кишварҳои аъзои ИДМ, як қатор кишварҳои Аврупо, ИМА, Эрон ва дигар созмонҳои бузург дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси мақомоти корҳои дохилаи Тоҷикистонро нишон дода, чандин созишнома, шартномаҳои ҳамкории дуҷонибаи ба имзо расонидаро баррасӣ намудааст.

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки таҳқиқ дар ин самт бо натиҷагириҳои мушаххаси унвонҷу дар поёни ҳар зерфасл шарҳи худро ёфтааст, ки баррасиҳои дақиқ ва амиқи ӯро бозгуй мекунад.

Натиҷаи илмии маҳсули таҳқиқи муаллифи рисола дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки онҳо ҳамагӣ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он омода гардида, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд. Зикри манобеи муҳимми илмию адабӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарурӣ аз он дарак медиҳад, ки унвонҷу мутолиаи фаррох доир ба мавзуи

таҳқиқикотии хеш дорад ва барои анҷоми он аз муҳимтарин пажуҳишҳо босамар истифода кардааст.

Дар баробари чунин арзишҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудан ва ё ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар кор тартиби замонӣ ба назар гирифта нашудааст. Факту рақамҳо меоянд, аммо солҳояшон пай дар пай нестанд. Соли 2002, 2014, 2017.... мешавад;

2. Хулосаҳо дар ҳар зерфасл хубанд аммо боз ҳам хубтар мешуд мустаҳкамтар карда мешуданд;

3. Дар навиштани кор аз бойгониҳои дигар мақомотҳо истифода нашудааст;

4. Хуб мешуд ҳамаи фондҳо, папкаҳо, ки истифода бурда шудаанд, дар кор нишон дода мешуданд;

5. Хуб мешуд аз суҳбатҳо ва муколамаҳои роҳбарон ва олимони ҷумҳурӣ, ки дар ин самт фаъолиятдоштанд, истифода мебурдед;

6. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлою техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши рисоларо боз ҳам боло мебарад.

Дар умум, диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи “Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти Корҳои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)” таҳқиқи мукаммал дар бораи таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ буда, бо шеваи матлуби илмӣ ва истифодаи сарчашмаҳои зарурию осори пажуҳишӣ ба қалам омадааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пажуҳиши мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ асос ёфтааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи "Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)" кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ташрифзода Фозил Қурбон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи "Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
факултети таърихи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Равшанзод М.**
«21»-уми феврали соли 2026.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Имзои Равшанзод М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шодихонзода Э. Ш.**
«21»-уми феврали соли 2026.

16.02.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.